**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ). ш. Душанбе, 2025 сол.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дигаргуниҳои куллӣ дар замони муосир дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба миён омада ба сиёсати давлатӣ ва идеологии ҷомеа бетаъсир намонда, махсусан боиси тағйир додани макони зист ё фирори оммавии шаҳрвандони ин давлат ба кишварҳои амн мегардад. Пайдоиши масоили вазъи ҳуқуқии гурезаҳои ватанӣ баъди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Бар асари даргириҳои дохилии ба миён омада ҳазорон шаҳрванди кишвар ноилоҷ аз Тоҷикистон фирор намуда, дар кишварҳои дигар паноҳҷӯ шуданд.

Дар ин давра ҳадафи аввалини ҳукумати кишварамон дар баробари дигар масъалаҳои ба миён омада, ҳал намудани мушкилоти гурезаҳо ба шумор мерафт. Ҳолати фоҷиабори гурезаҳо ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа, барои ҳалли ин масъала зарурияти қабули қонуни соҳавиро дар муайян намудани мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ба миён овард.

Маврид ба зикр аст, ки истиқлолияти давлатӣ дар таърихи навини давлатдории миллии тоҷикон барои қабули Конститутсия таҳкурсии боэътимоди ҳуқуқӣ гузоштааст, ки ин бузургтарин муваффақияти мост. Ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз – Конститутсия масоилҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷамъиятиро инъикос ва танзим намуда, асоси бунёдии меъёрҳои қонунгузории соҳавӣ дониста мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки рушду инкишофи низоми қонунгузори миллӣ бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд дониста мешавад. Аз ҷумла, дар танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, ки то ин давра се қонун «Дар бораи гурезаҳо» (25 ноябри соли 1992; 20 июли соли 1994; 10 маи соли 2002) қабул шудаанд, ки ҳар яке аз онҳо дар марҳалаҳои муайяни таърихии кишвар нақши муҳим доштанд. Дар ин замина минбаъд дар танзими масоили ҳуқуқии гурезаҳо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомнома ва дастуамалҳои дахлдор таҳия ва қабул гардиданд.

Вазъи ҳуқуқии гурезаҳо падидаи конститутсиони ҳуқуқӣ буда, аз маҷмуи ҳуқуқу озодӣ, уҳдадорӣ ва кафолатҳое, ки ба гурезаҳо тибқи Конститутсия, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ва санадҳои эътирофнамудаи ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод шудаанд, фаҳмида мешавад. Дар ин самт, маҳз арзиши олӣ эътироф гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ яке аз унсурҳои калидӣ ва муайянкунандаи асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ рушди қонунгузории миллӣ дар самти мақоми ҳуқуқии гурезаҳо дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мақсади асосии таҳқиқот таҳлили хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо, такмили қонунгузории соҳавии гурезаҳо ва

муайян кардани мафҳумҳои асосии он, хусусан шахсони «гуреза», «паноҳҷӯянда», тарафҳои субъективӣ ва объективии «хавф», тартиби соҳибшавӣ ва қатъгардии мақоми гуреза ва шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо мебошад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур таҷрибаи муқоисавии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилали мавриди омӯзиши муфассал қарор дода шудаанд. Таҳқиқоти илмии мазкур ба муаллиф имкон додааст, ки чунин нуктаҳои муҳимро ба ҳимоя пешкаш намояд:

1. Пешниҳод карда мешавад, манъи рондани гурезаҳо аз қаламрави давлат, таъмини озодии ҳаракати гурезаҳо аз сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати дарёфти ҳуқуқи даромадан ба кишвари дигарро Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28 июли соли 1951 (моддаи 31-33) ба мазмуни кафолати ҳуқуқии онҳо шомил месозад. Вале чунин вазъ дар моддаи 14-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ нагардидааст. Ба талаботи Конвенсия ҷавобгӯ намудани муқаррароти моддаи 14-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ифодакунандаи тамоми паҳлуҳои кафолати ҳуқуқии гурезаҳо мебошад.

2. Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», ки аз 10 майи соли 2002 қабул шудааст, истилоҳи «таъқиб» ба «таҳдид» тағйир дода шавад. Мақсади пешниҳод дар он мебошад, ки таърифи истилоҳи таъқиб на дар Конвенсияи соли 1951 оид ба мақоми гуреза ва на дар шартномаҳои байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи инсон ҷой надорад. Дар Конвенсияи номбурда таърифи таҳдид бо аломатҳои зерин дода шудааст: таҳдид ба ҳаёт ва озодӣ аз рӯйи нишонаҳои нажодӣ, динию мазҳабӣ, шаҳрвандӣ, ақидаҳои сиёсӣ ё муносибат ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асосноккунии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар доираи ин таҳқиқот ироа шудаанд, ба натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти вазъи ҳуқуқии гурезаҳо асос ёфтаанд. Рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти вазъи ҳуқуқӣ – конститутсионии гурезаҳо дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар рушди қонунгузории миллӣ дар самти гурезаҳо ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро дар робита ба ин масъала мавриди таҳлили васеъ қарор додааст.

Муаллиф тавассути омӯзиши адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ тавонистааст мафҳумҳо ва истилоҳоти калидии ҳуқуқиро вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври равшан ва дақиқ таҳлил намуда, таърифҳои нав ва ба талаботи замони муосир мувофиқро пешниҳод намояд.

Дар таҳқиқот тавсияҳои мушаххас дар мавриди муайян кардани тарафи объекти хавфи ҳамчун таҳдид ва тарафи субъективӣ он, инчунин унсурҳои муайяни хавф пешниҳод шудаанд, ки татбиқи онҳоро дар амал осон мегардонанд ва ба фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва санҷиши судӣ кӯмак мерасонанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар ин диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлил ва омӯзиши васеи адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи воқеии тафтишотӣ маъмурию судӣ ба даст омадаанд ва барои таҳким ва рушди қонунгузории гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати назаррас хоҳанд кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзӯъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамоянд.

Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, предмету объекти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии мақоми ҳуқуқӣ-конститутсиони гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** пешниҳод гардидааст. Ин қисмати таҳқиқот аз ду зербоб иборат буда, масъалаҳои асосии зеринро мавриди омӯзиши васеъ ва амиқ қарор медиҳад: мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, принсипҳо ва унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқии гурезаҳоро дар бар гирифта, ки ба таври алоҳида дар ин зербобҳо масъалаҳои аҳмияти назариявӣ-ҳуқуқидоштаи вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор гирифтаанд.

**Дар доираи зербоби аввали боби якум** муаллиф ба масъалаҳои вобаста ба табиат ва моҳияти вазъи ҳуқуқии гурезаҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқи конститутсионӣ баромад мекунад, мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар ин самт муаллиф ба масъалаҳои калидии назариявию ҳуқуқӣ ва меъёрие мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки мақоми гурезаҳо ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ марбут ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии падидаи ҳуқуқии гуреза барои беҳтар кардани қонунгузории муосир ва инкишофи муносибатҳои ба он алоқаманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоса дорад.

Дар зербоби мазкур муаллиф дар натиҷаи таҳлили масъалаи дар наздаш гузоштаашуда ба хулосае омадааст, ки масъалаи «режими ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ» баҳснок мебошад, аммо категорияи «режими ҳуқуқӣ» бо ҳеҷ ваҷҳ ҷойи категорияи «мақоми ҳуқуқӣ»-ро гирифта наметавонад, зеро он ҳамчун шарти ҳуқуқӣ ва тартиби ба даст овардани мақоми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсро муайян намекунад. Категорияи «мақоми ҳуқуқӣ» падидаи бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ буда, маҷмуи унсурҳои ҳуқуқиро дар бар гирифта, ҳамчун категорияи универсалӣ эътироф карда мешавад. Илова бар

ин, мақоми ҳуқуқӣ падидаи ҳуқуқӣ буда, тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро муайян мекунад (саҳ. 24-25).

**Дар доираи зербоби дуюми боби якуми** муаллиф мафҳум ва таснифбандӣ принсипҳои вазъи ҳуқуқи конститутсионии гурезаҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқи муосир мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд мегардад, ки рушду инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои муқарраргардида бармеояд, ки дар заминаи принсипҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналхалқӣ шакл гирифтаанд вобастагӣ дорад.

Муаллиф баён менамояд, ки принсипҳои ҳуқуқӣ - конститутсионӣ аҳамияти умумӣ дорад ва махсусияти онҳо дар принсипҳои байни соҳавӣ ва соҳавӣ нақши калидӣ дорад. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории миллӣ муаллиф принсипҳои мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ва шахсони паноҷӯяндаро дар замони муосир чунин ҷудо намудааст: а) ғайри табъиз; б) берун накардан; в) мутаҳидшавии оила; г) маҳрамият; д) афзалияти ҳимояи манфиятҳои шахсони осебпазир (саҳ 41).

Муаллиф қайд менамояд, ки принсипҳои ҳимоя ва унсурҳои мақоми гуреза дар алоқаманди қарор доранд ва танзими ҳуқуқии худро дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ пайдо намудаанд.

Дар заминаи таҳлилҳо муаллиф унсурҳои мувофиқ ба мақоми гурезаро асоснок дониста пешниҳод менамояд:

1. Хавфи комилан асоснок;

2. Таъқибот;

3. Берун аз давлати шаҳрвандӣ;

4. Аз ҳимояи давлати аслӣ нахостан ё натавонистан (саҳ. 50).

Муаллиф зикр менамояд, ки ҳар як унсурҳои болозикр таҳкурси дар муайянкунии мақоми гуреза дониста мешавад ва дар маҷмӯъ мафҳуми «гуреза»-ро пурра месозад.

Хулоса, муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти зербоби мазкур якчанд норасоии қонунгузории соҳавии гурезаҳоро ошкор намудааст, ки то имрӯз

наметавонад мушкилоти гурезаҳоро ба таври комил ҳал намояд, зеро баъзе масъалаҳои марбут ба мақоми гурезаҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мешаванд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Танзими ҳуқуқӣ ва расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шудааст, масъалаҳои ба таҳлили танзими вазъи ҳуқуқӣ ва расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

**Дар зербоби аввал, таҳти унвони «Танзими вазъи ҳуқуқии гуреза тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ»** номгузорӣ шудааст, дар он муаллиф баён менамояд, ки танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар қонунгузории миллӣ ташаккул ёфтааст, дар амалия мутобиқ ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳимояи гурезаҳо бо тартиби пайдарпайи амалигардонидани он дарки дуруст ва калидӣ ба шумор меравад:

– Танзими вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо;

– Танзими вазъи ҳуқуқии байналмилалии гурезаҳо;

– Танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар қонунгузории миллӣ.

Ба ақидаи муаллиф дар ҷомеаи башарӣ яке аз масоилҳои мураккабу мубрами рӯз мавзӯи ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ба шумор меравад. Гарчӣ баҳри ҳалли ин мушкилоти аср қадамҳои устувор гузошта мешавад, аммо комилан анҷом напазируфтаанд. Чунончӣ, пайваста шумораи таҳдидҳо ва ҷангҳои дохилӣ асоси афзоиши миқдори гурезагон мегардад. Муаллиф зимни омӯзиши масъалаи танзими ҳуқуқӣ ва расмиёти муайянсозии мақоми гуреза ба марҳилаҳои қабули Конститутсияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба давраи режими сиёсии ИҶШС 1929, 1931, 1937 ва 1978 рост меояд таваҷҷуҳ намуда, муайян кардааст, ки дар Конститутсияҳои ҶШС Тоҷикистон мафҳуми гуреза вуҷуд надошт, дар баробари ин санади махсуси танзимкунандаи мақоми гуреза қабул нагардида буд, чунин вазъият дар сатҳи федералӣ, яъне бо қонунгузории Шӯравӣ ба танзим дароварда мешуд.

Аммо дар меъёри алоҳидаи конститутсияҳои ҳамон давра мафҳуми паноҳгоҳи сиёсӣ истифода мегардид.

Муаллиф қайд менамояд, ки марҳилаи дуюми танзими ҳуқуқии мақоми гуреза дар ҶТ ба замони истиқлолияти давалатӣ рост меояд.

Масалан дар ин айём ҶТ дар тағйир додани низоми қонунгузории миллӣ имконияти фарох надошт чунки низоҳои дохилӣ сабаби тағирёбии ҳамагуна соҳаҳо мешуданд. Аз ҳамин лиҳоз дар Тоҷикистон анъанаҳои зиёди қонунгузории шуравӣ то як муддат боқӣ монд. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории миллӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки муқаррароти қисми 3 моддаи 16 Конститутсияи ҶТ соли 1994, ки дар хусуси додани паноҳгоҳи сиёсӣ қайд гардидааст, шаҳодат аз мероси қонунгузории шуравӣ медиҳад. Муаллиф баён менамояд, ки ислоҳоти қонунгузорӣ дар бахши танзимнамоии мақоми гуреза, баъд аз он, ки соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид «Дар бораи мақоми гуреза»-ро аз 28 июли соли 1951 ва Протоколи марбут ба вазъи гурезаро аз 4-уми октябри соли 1967 ба тасвиб (ратификатсия) расонид, бо самти махсус инкишоф ёфтанро оғоз кардааст.

Муаллиф пас аз таҳлили масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми гуреза ба хулоса меояд, ки ин падида дар Конститутсияи амалкунанда бо «мафҳуми гуреза» ва ё «ҳуқуқи гуреза» қайд нашудааст, аммо танзими худро дар меъёрҳои қонунгузории хусусияти махсус дошта, хусусияти комплексӣ дошта, хусусияти умумӣ дошта; ва санадҳои зерқонуни мусоидаткунанда пайдо кардааст.

Зербоби дуюми ин боб **«Расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза ва тартиби гирифтани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, муаллиф ҷанбаҳои асосии онро мавриди пажуиш карор додааст.

Муаллиф густариши имкониятҳи замони муосир дар танзими муносибати гурӯҳҳои махсуси иҷтимоӣ «гурезаҳо», ки ба марҳаллаҳои муайяни таърихӣ бо назардошти шароитҳои мавҷудбудаи кишвар, бо қабули

се қонуни соҳавӣ «Дар бораи гурезаҳо» (солҳои 1992, 1994 ва 2002) рост меояд тавсиф намудааст.

Муаллиф ба ин назар аст, ки марҳилаи сеюми рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо»- аз 10 майи соли 2002 ба баъзе норасоиҳои мавҷудбуда хотима гузоштааст.

Зикр гардидааст, ки дар сатҳи давлатӣ мақомоте амал мекунад, ки бо масъалаҳои гурезаҳо машғул аст - ин шуъбаи шаҳрвандӣ ва кор бо гурезаҳои Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД ҶТ мебошад. Ҳамин тариқ ниҳоди давлатӣ татбиқи сиёсати давлатиро дар ин самт амалӣ намуда, дар таъмини ҳуқуқи гурезаҳо, қабул ва баррасии ариза дар бораи гуреза донистани шахс, рад кардани дархости шахс дар хусуси гуреза донистан, қатъ кардани мақоми гуреза ва ё маҳрум кардан аз мақоми гуреза, додани шаҳодатномаи гуреза ва ба таври инфиродӣ ҳалнамудани мушкилоти гурезаҳо, аз ҷумла ба масъалаҳои манзил, таълими ноболиғон ва бо кор таъмин намудан мусоидат менамояд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои ватанӣ ва қонунгузории миллӣ ба хулоса меояд, ки хусусияти мазмуни мақоми гуреза дар баробари кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ, аз тартиби муайян кардани мақоми гуреза ки ба се давра «додан», «қатъшавӣ» ва «маҳрум шудан»-ро дар бар мегирад, вобаста мебошад. Мазмунан расмиёти муайянкунии мақоми гуреза дар дигар давлатҳо якранг истифода мешаванд, аммо муҳлати татбиқи он ва давраҳои муроҷиат тафовут дорад.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Масоилҳои татбиқи мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дониста шуда,** муаллиф масъалаҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгари барои вайрон кардани онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузори шуда, муаллиф дар пажуҳиши масоили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо аввалан

таваҷҷуҳ ба падидаи конститутсионии ҳуқуқии инсон намудааст. Аз нигоҳи назариявӣ ба ақидаи муаллиф имконияти амали сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақил ба шумор мераванд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳо, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ба қавле «позитивӣ» қонунида шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки ба онҳо шакли амали бевосита дода шудааст ва дар сурати ба миён омадани ягон монеаи сунъи бартарӣ ба ин ҳуқуқҳо дода мешавад. Умуман меъёрҳое, ки дар боби 2 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳанд, бинобар сабаби мустақиман амал намуданашон аз ҳама гуна меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ афзалтаранд. Ҳамин тариқ, волояти Конститутсия дар низоми қонунгузории Тоҷикистон бешубҳа аст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳуқуқҳо, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ифодакунандаи муносибати давлат бо инсон мебошанд. Бинобар ин, муаллиф дар ин зербоб ба чунин хулоса омада иброз менамояд, ҳангоми ҳуқуқи инсон мегӯем, муносибати мутақобилаи давлатро бо шахс «хориҷӣ» «шахсони бешаҳрванд» «гуреза» дар назар дорем.

Зербоби дуюми ин боб **«Ҳифзи хуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгари барои вайрон кардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, муаллиф дар таҳқиқоти масъалаи ҳимояи ҳуқуқии гурезаҳо, ки дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ асос ёфтааст, ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ донистa, ки тавассути онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҳар гуна дахолати беасос ва ғайриқонунӣ ҳимоя шуда, ҳуқуқҳои поймолшуда барқарор карда мешаванд.

Бо дарназардошти ин, муаллиф таъкид кардаст, ки механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо бо ду усули фаъоли ҳуқуқӣ амалӣ мегардад: 1) механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо; 2) механизмҳои байналхалқии ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо.

Муаллиф зимни омӯзиш ва таҳлили санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ чунин баён менамояд, ки ҳуқуқи гурезаҳо ҳамчун инсон, пеш аз ҳама, бо санадҳои ҳуқуқӣ-универсалии байналмилалӣ ҳимоя карда мешавад.

Масъалан, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар кафолати ҳимояи ҳуқуқи субъективии шахсро, новобаста аз ҷойи зиндагии ӯ кафолат додаст.

Мувофиқи гуфтаи муаллиф, ҳар як санади судӣ ё маъмурӣ, ки марбут ба масалаи гуреза мебошад, бояд бо санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ мувофиқ дониста қабул карда шавад, чунки тайи солҳои охир шумораи баҳсҳои ҳуқуқии маданӣ байни Комиссия ва шахсони паноҳҷӯянда зиёд гардидааст. Ҳамзамон, тамоюли аз ҷониби судҳо рад намудани қонеъ кардани бештари аризаҳои шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо ба назар мерасад. Дар амалия судҳо парвандаҳоро оид ба қарорҳои Комиссия дар бораи рад намудани гуреза донистан, аз даст додани мақоми гуреза ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза баррасӣ карда, ҳангоми қабул ҳалнома на ҳама вақт дар сатҳи зарурӣ меъёрҳои ҳуқуқи моддиро бо дарназардошти ҳолатҳои барои кор аҳмиятдошта, ки дар доираи мурофиаи маданӣ муқаррар шудаанд, татбиқ менамояд.

Муаллиф пас аз таҳлилҳо ба чунин хулоса омада пешниҳод менамояд, ки барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионии субъектон бояд ба низом дароварда шаванд. Ғайр аз ин ҷавобгарии ҳуқуқии мақоми гуреза ҷавобгарии конститутсионӣ эътироф шавад ва ба зиммаи Суди Конститутсионии ҶТ гузошта шавад, зеро паноҳҷӯянда ва гурезаҳо падидаи мустақили ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Бо ҳамин васила, иҷрои дақиқтари назорати конститутсионӣ таъмин мегардад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта дар зербоби дуюм аз назари илмӣ ва амалӣ муҳим буда, тавсияҳои муаллиф ҷиҳати мушаххас намудани тадбиқи мақоми конститутсионии гурезаҳо аз аҳамияти назаррас бархӯрдоранд.

**Хулосаи диссертатсияи** мазкур ба натиҷагирии умумӣ аз таҳқиқи ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои марбут ба масоили вазъи ҳуқуқии гурезаҳо бахшида шудааст. Муаллиф дар доираи ин қисмати кор натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли 7 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 9 банди ба

такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гурезаҳо равонашуда ҷамъбаст кардааст.

Аз ҷумла, аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар равшан сохтани мафҳуми вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо, ки аз маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ, уҳдадорӣ ва кафолатҳое мебошад, ки ба гурезаҳо тибқи Конститутсияи ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва санадҳои эътирофнамудаи ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод шудааст, ба даст овардаанд. Дар ин самт, маҳз арзиши олӣ эътироф гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ яке аз унсурҳои калидӣ ва муайянкунандаи асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин таҳқиқот аввалин кори илмии мукаммалест, ки масъалаҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳоро дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ баррасӣ менамояд. Бо истифода аз равишҳои муқоисавию таҳдилӣ муаллиф тавонистааст, ки камбудиҳои ҷойдошта ва нуқтаҳои баҳсталабро дар низоми танзими ҳуқуқии ин соҳа ошкор созад.

Ин пешниҳодҳо барои дарки дурусти мафҳуми гуреза дар қонунгузории соҳавӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқи дар ин самт мусоидаткунанда заминаи ҳуқуқи гузошта, ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз маҷмуи меъёрҳои конститутсионӣ роҷеъ ба танзимнамоии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳоро ба таври ҳамаҷониба таҳлил намуда, вазифаҳои пешгузоштаро пурра иҷро кардааст. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар илмҳои марбут ба мавзуи мазкур заминаи боэътимоди назариявию методологӣ фароҳам меоранд. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳо ва хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии гурезаҳо, ки аҳамияти конститутсиони ҳуқуқӣ дорад, равшан ва дақиқ карда шаванд. Ин таҳлилҳо ба пайдоиши тасаввуроти нав дар танзимнамои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо ва

ҳалли мушкилоти онҳо мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда замина мегузоранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ин таҳқиқот дорои аҳаммияти назарраси назариявӣ ва амалӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва амнияти давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 29 мақолаи илмӣ, ки аз он 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 43 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Саиданварзода Курбоналӣ Ҷонибек ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо вуҷуди баҳои

мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» масъалаи додани паноҳгоҳи сиёсиро пурра танзим намекунад. Ин маънои онро дорад, ки механизми амалишавии додани паноҳгоҳи сиёсӣ аниқ ва возеҳ нест, ки боиси номуайянӣ ва мушкилот дар амалигардонии ҳуқуқҳои паноҳҷӯён мешавад. Хуб мешуд, агар муаллиф роҷеъ ба ин масъала фикри худро дар қисмати хулосавӣ ва ё нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён менамуд.

2. Истифодаи истилоҳи «таъқиб» дар қонун ба стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат наменамояд, зеро Конвенсияи 1951 мафҳуми «таҳдид»-ро истифода мебарад ва маънои онро бештар фаро мегирад. Ин метавонад дар татбиқи қонун ба мушкилот оварда расонад. Масъалаи мазкур дар рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо муаллиф масъалаи татбиқи амалии ин камбудиро дар шароити муосир иброз нанамудааст. Мехостем зимни ҳимояи ошкорои диссертатсия ақидаи муаллифро роҷеъ ба ин масъала фаҳмем.

3. Қонунгузории ҶТ ба андозае танзими ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таҳсил ва хизматрасониҳои тиббиро барои паноҳҷӯён фаро намегирад, ки метавонад барои зиндагии муқаррарии онҳо мушкилӣ эҷод кунад. Муаллиф роҷеъ ба ин масъала низ ягон пешниҳод нанамудааст. Мехостем нуқтаи назари муаллифро оид ба ин масъала ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия дониста бошем.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар илми муосири ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ва хориҷӣ хеле баҳспазир буда, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар умум, диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
факултети ҳуқуқшиносии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон ____________ Олимзода Д.А.

**Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, к. Маяковский 32. ҳуҷраи 44. Тел.: (+992) 93 937-77-72.

**Имзои Олимзода Д.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ____________ Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734000, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.Тел.: +(992) 37 224-17-86; факс: +(992) 37 224-17-86; сомона: info@apa.tj.

**«21» ноябри 2025 сол**